# БОЗИҲОИ КӮДАКОНА



*Бозиҳо бисёр ва гуногунанд. Солҳои охир бозиҳои компутерӣ низ расм шудаанд. Вале мо аз бозиҳои бачагонаи қадимаи худ ҳаргиз дил канда наметавонем. Онҳо басо содаю шавқовар буда, шарту шароити зиёд тақозо намекунанд. Аз ин сабаб ҳамеша бо моянд. Акколбозӣ, рустшавакон, аз ҷумлаи бозиҳои миллии бачагонаи халқи тоҷиканд, ки дар ин китоб гирд оварда пешкаш шудаанд.*

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРРЕДАКСИЯИ ИЛМИИ
ЭНСИКЛОПЕДИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИК

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

# БОЗИҲОИ КӮДАКОНА

Китоби мазкур бо кумаки мардуми Амрико нашр шудааст, ки он аз тариқи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) ба хонанда дастрас карда мешавад. Мазмун ва мундариҷаи китобча маҳсули фикри муаллиф буда, метавонад, бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

Душанбе-2020

ББК ....
((((((.....
Синфи 3. Сатҳи 3.1
Навъ/жанр: ИЛМӢ-ОММАВӢ

Бозиҳои кӯдакона. Душанбе, «.....», 2020. 32 саҳ.

ISBN 000-0000-000-0-0

©2020, Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик. Таҳия ва нашри китоби мазкур аз ҷониби Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) дар доираи Лоиҳаи "Ҳамроҳ бихонем" дар Тоҷикистон, рақами қарордод AID-176-C-16-00003 маблағгузорӣ шудааст. Ҳамаи ҳуқуқҳо ҳифз карда шуданд».

## АНА БОҒ

Навъе аз бозии халқии бачагонаи тоҷикӣ аст, ки дар байни бачаҳои миёнасол ва наврас баргузор мешуд. Иштирокчиёни бозӣ ба шакли давра ё ба мисли камон паҳлуи ҳам меистоданд. Ҳама дастони росташонро ба пеш дароз карда, панҷаҳояшонро ҷунбонда меистанд. Сардари бозӣ низ дар миёна истода, дасташро дароз карда мегӯяд:

– «Ана боғу ана роғ, ана кишмишу мавиз, ана занбӯри ало омаду инҷама газид!».

Дар ин ҳолат гӯянда дасташро ба ягон узви баданаш (гӯш, чашм, соқи пой ва ғайра) мерасонад. Бозигарон бояд рафтори сарварро бо таваҷҷуҳ мушоҳида кунанд ва ҳаракатҳои ӯро тақлид намоянд. Ҳар касе, ки қафо монд ва ё ҳаракатҳоро нодуруст тақлид кард, ҷарима баста мешавад. Ҷарима аз ягон чизи хӯрданӣ, ба монанди себу нок ё чормағзу мавиз иборат буд.

## АРҒУНЧАКБОЗӢ

Ҳойбозӣ, ҳойбод, як навъ бозии анъанавии кӯдакони тоҷик аст, ки бештар дар баҳору тобистон бозида мешавад. Ин бозӣ хосси духтарон буда, қоидаи муайян надорад. Арғунчак аз таноб ё арғамчине, ки ду нӯки он ба шохи дарахт ё ба болочӯбе баста шудааст ва нишастгоҳ иборат мебошад. Баланд ё паст бастани арғунчак ба синну соли кӯдакон вобаста аст. Нишастгоҳро аз пораи тахтачӯб месозанд. Барои нармтар шуданаш онро бо матои пахтагин мепечонанд. Баъзеҳо ба андозаи мувофиқ ба он кӯрпача тайёр мекунанд. Духтарон бо навбат ба арғунчак нишаста, дар ҳаво ба пешу қафо алвонҷ мехӯранд ва роҳат мекунанд. Дар аксари мавридҳо рафиқон арғунчакро такон дода, дар алвонҷхӯрӣ ба ҳамдигар ёрӣ мерасонанд. Арғунчак дар Тоҷикистон номҳои зиёде дорад: алвонҷ, бод, бодпеч, ҳой, ҳайбод, ҳаючак, ҳулчак ва ғайра.

Дар айёми Наврӯз духтарони 10–20-сола дар боғҳо, ҳавлиҳо ва дарахтони калони кӯчаҳо арғамчин баста, арғунчакбози мекунанд. Мувофиқи боварҳои мардумӣ, баҳорон ҳар касе арғунчакбози кунад, гӯё гуноҳҳояш мерехтааст.

Дар Бадахшон арғунчакро «вулчак» меноманд, ки яке аз бозиҳои махсуси айёми Наврӯз дар байни занону духтарон ба ҳисоб меравад. Духтарон ба ҷуз аз фароғату вақтхушӣ, тавассути ин бозӣ инчунин бахти худро месанҷиданд. Агар дасти арғунчакнишин ба шохчаи баланди нишонашуда расад, ҳамон сол хушбахтӣ насибаш мешудааст.

## БАЛАНДПАРАК

Бозии халқии бачагонаи тоҷик аст, ки бачаҳои аз 7 то 13-сола доир мекунанд. Бачагон бештар дар фаслҳои гарми сол ба ин бозӣ машғул мешаванд. Бозӣ дар нишебиҳои теппа ё баландие сурат мегирад. Дар бозӣ дунафарӣ иштирок менамоянд. Ҳар як бозигар бо навбат пойҳояшро ҷафс дошта, аз поин ба боло ҷаҳида-ҷаҳида мебарояд. Касе, ки масофаи бештарро ҷаҳида барояд, ғолиб шуморида мешавад. Қоидаи бозӣ чунин аст, ки пойҳоро дар вақти ҷаҳидан зич карда, мисли «харгӯш» дупоя ҷаҳидан лозим аст. Бозигарон бояд ҳамдигарро тела надиҳанд.

## БАНДКАШӢ

Яке аз бозиҳои варзишии бачагона аст, ки маъмулан дар ҷашни Наврӯз ва иду маъракаҳои мардумӣ барпо мешавад. Мусобиқаи бандкашӣ дар майдончаи ҳамвор ташкил шуда, барои он ресмони ғафси дарозиаш 8–10 м истифода мешавад. Дар мобайни майдон хатте кашида мешавад. Иштирокчиён 4–6-нафарӣ ба ду даста ҷудо шуда, аз ду тарафи хат дар майдон ҷойгир мешаванд. Бо фармони довар аъзои дастаҳо кӯшиш мекунанд, ки бандро ба сӯйи худ кашида, ҳарифонро аз хат ба майдони худ доранд. Кадом дастае, ки ҳарифонро кашида аз хат гузаронад, ғолиб диниста мешавад.

## БЕДОНА ПАРИД

Парид-парид, як навъ бозии анъанавии бачагон аст, ки дар фаслҳои гармо дар майдони кушод сурат мегирад. Бозигарон ба ҳамдигар зич ба сурати давра менишинанд. Онҳо пойҳояшонро ба марказй давра дароз намуда, дасти ростро мушт мекунанд ва ба он такя карда менишинанд. Яке аз бачаҳои калонсолтар номи паранда ё ҷонваронро бо навбат номбар мекунад (масалан, бедона парид, зоғ парид...) ва дар яке аз онҳо мушти рости худро мебардорад. Дигар иштирокдорон бояд ба ӯ тақлид карда, зуд мушти росташонро боло бардоранд. Ҳар касе дер кард, ё ба пушт афтод, мағлуб ҳисоб мешавад. Ин бозӣ дар байни бачагони водии Рашту Дарвоз бо номи «будинапринг» ва дар водиҳои Ҳисору Зарафшон бо номи «будина парид» маъруф аст.

## БОҒИ БОҒБОН

Навъе аз бозии халқии бачагонаи тоҷик мебошад. Иштироккунандагони «Боғи боғбон» дасти якдигарро гирифта, мисли камон паҳлуи ҳам меистанд. Ду нафар сардор дар ду тарафи нимдоира ҷой мегиранд ва як занҷирае ба вуҷуд меояд. Байни сардорҳо муколама сурат мегирад:

Сардори якум: Боғи боғбон?

Сардори дуюм: Ҷони боғбон.

Сардори якум: Ангурако пухтак?

Сардори дуюм: Ниму нимкола.

Сардори якум: Чаро саракои калонаша хӯрдӣ, майдаша ба ман мондӣ?

Сардори дуюм: Дар сари санг мондам, зоғако хӯрдандаш.

Сардори якум: Ку раҳи гулзор, ку раҳи хорзор?

Сардори дуюм: Ина раҳи гулзор, ина раҳи хорзор, чилингу чилинг (ҷаҳиду ҷаҳид) дар пой хор зад.

Сардори якум занҷираи бачаҳоро аз

пайи худ кашида, аз зери дасти сардори дуюм ва бачаи дар паҳлуи ӯ буда мегузарад. Дар натиҷа шахси охир дар занҷира маҳкам шуда, пушт ба бозигарон ва дастҳояш пеши бар ба мисли салиб ноҷунбон мемонад. Сардори якум занҷираи бачагонро аз қафои худ кашида, ба ҷойи худ бармегардад. Бозӣ идома меёбад, боз мисли дафъаи якум муколама сурат мегирад ва аз зери дасти якдигар мегузаранд ва боз яке аз онҳо дастбаста мешаванд. Ҳамин тариқ бозӣ то лаҳзае давом меёбад, ки ғайр аз сардорҳо дигар ҳамаи бозигарон дастбаста мешавад. Баъди ин сардорҳо ду тоқиро ба замин дар масофаи ду метр аз ҳамдигар мегузоранд

Онҳо қаблан байни худ машварат мекунанд, ки шартан як тоқӣ «роҳи банд» ва тоқии дигар «роҳи боз» ҳисоб шавад. Баъд сардорҳо ҳар як бозигарро аз дасташ дошта, ба назди тоқиҳо мебаранд.

Бозигар яке аз тоқиҳоро интихоб карда, дар назди он меистад. Ҳамин тавр бачагон ба ду даста тақсим мешаванд. Дар охир сардорҳо гурӯҳи марбут ба тоқии «роҳи боз»-ро озод (ғолиб) эълон мекунанд ва занҷираи онҳо пароканда мешавад. Гурӯҳи дигари марбут ба «роҳи банд» чанд муддат даст ба даст гирифта, занҷираро нигоҳ медорад ва мағлуб ҳисоб меёбад. Ин бозӣ дар водии Рашту Дарвоз бо номи «Зардолупазак» ва дар Ванҷ бо номи «Лаббай-лаббай» низ маъруф аст.

## БУҶУЛБОЗӢ

Навъе аз бозиҳои миллии қадимии тоҷикӣ, ки дар байни кӯдакону наврасон маъмул мебошад. Буҷулбозӣ хосси писарбачаҳо буда, дар байни бачагони тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон паҳн шудааст ва намудҳои зиёд дорад. Он бо буҷул – қисме аз устухони пойи гӯсфанд ё буз, ки ба рақами ҳашт монанд аст, бозида мешавад. Пас аз ба замин партофта шудани буҷулҳои бозигарон, вобаста ба тарзи истодани онҳо, ки асп, хар, пукка ва чикка меноманд, яке аз бозигарон ҳуқуқи шурӯъ кардани бозиро ба даст меорад ва ба нишон гирифта задани буҷули ҳарифон мекӯшад. Шахси мағлуб ё буҷули худро ба ғолиб медиҳад ва ё ӯро ба пушташ савор карда як масофаи кӯтоҳро тай мекунад.

Дар бозии гурӯҳӣ бачаҳо дар рӯйи замин доираи калони қутраш тақрибан 2,5–3 м мекашанд ва дар маркази он бачаҳои бозигар яктоӣ буҷулро қатор мегузоранд.

Баъди қуръапартои̣ шахси ғолиб аз масофаи муайян бо буҷулаш нишон гирифта, мехоҳад бо як зарба буҷулҳои қатористодаро аз дохили доира берун барорад. Агар буҷул аз доира берун набарояд ё бозигар хато кунад, бозигари дигар бозиро идома медиҳад ва ҳамин тавр бо навбат бозигарҳо то аз доира баровардани буҷули охирин бозиро идома медиҳанд. Дар ин бозӣ маҳорати нишонзанини бачагон хеле инкишоф меёбад.

Дар баъзе минтақаҳои Тоҷикистон ва дар байни тоҷикони Ӯзбекистон тарзҳои дигари буҷулбозӣ маъмуланд. Тарзи истодани буҷулҳо ҳамчун персонажҳо ном доранд. Буҷули ҳар бозигаре, ки чикка меистад, онро «дузд» меномиданду «қозӣ» бо амри «подшоҳ» ӯро ҷазо медод. Ҷазо чунин буд, ки «дузд» шахси ғолибро пуштора карда то ба ҷойи муайяншуда мебарад. Бо буҷулҳо дар замонҳои пеш қиморбозӣ ҳам мекардаанд.

Ба шаҳодати С. Айнӣ, дар базму идҳои халқӣ, ба мисли Сайри Дарвешобод, дар қатори дигар бозию дилхушиҳо буҷулбозӣ ҳам баргузор мешудааст. Бозиҳои саққобозӣ ва чормағзбозӣ низ ба буҷулбозӣ монанд мебошанд.

## ГАЧАБОЗӢ

Гачабозӣ, навъе аз бозиҳои бачагона аст. Ширкаткунандагони Гачабозӣ паҳлуи ҳам истода, ҳалқае сохта, як нафарро сардор интихоб мекунанд. Барои шурӯи бозӣ тугма ё сангпорае даркор аст, ки онро «гача» меноманд. Сардор дар мобайни ҳалқаи бозигарон истода, гачаро ба дасти яке аз бачагон медиҳад ва «Дастҳо боло!» гуфта амр мекунад. Ҳама дастҳоро боло мебардоранд. Сардор фармон медиҳад, ки дастҳояшонро сӯйи пушт баранд. Бо шумориши «Як», «Ду» бачаҳо дастони худро аввал ба паҳлу ва баъд ба пушт бурда пинҳон мекунанд. Сардор аз онҳо мепурсад, ки «Гача дар дасти кист?». Бачаҳо бо як овоз ҷавоб медиҳанд, ки «Гача дар дасти ман аст. Дар кадомин дасти ман аст?». Бачаҳо дар ин лаҳза бо ҳам зич шуда, гачаро даст ба даст мегардонанд ва кӯшиш мекунанд, ки сардор дар дасти кӣ будани гачаро пай набарад. Ҳамин тариқ, бозӣ

то гачаро пайдо кардани сардор давом мекунад. Нафаре, ки гачаро аз даст афтонад, аз бозӣ хориҷ мешавад. Сардор гачаро аз дасти кадом бачае, ки пайдо кунад, вай ба ҷойи сардор мегузарад ва бозӣ аз нав шурӯъ мешавад.

Гачабозӣ аз саргармиҳои хуби наврасон буда, ба чобукию ҳушёрию зиракии онҳо мусоидат мекунад.

## ГУЛ ЧӢ РАНГ?

Як навъ бозии анъанавии бачагон аст, ки дар байни мардуми водии Рашту Дарвоз маъмул буда, одатан дар фасли тирамоҳ барпо мешавад. Бачаҳо ба ду гурӯҳ тақсим шуда, каме дуртар аз ҳамдигар дар замин менишинанд. Ҳар гурӯҳ сардори худро дорад. Сардорҳо берун аз гурӯҳ номи ягон гулро муаммо қарор медиҳанд. Сипас яке аз сардорҳо ба назди гурӯҳаш омада мегӯяд:

Ёрако, гул чӣ ранг?

Бачаҳо:

Гулҳо ба ранг.

Сардор:

Як чизи хушбӯй, ки бисёр бӯйи хуб дорад?

Бачаҳо кӯшиш мекунанд, ки номи гулро пайдо кунанд. Агар онро ёфта натавонистанд, он гоҳ навбат ба гурӯҳи дигар мегузарад. Сардори гурӯҳи дуюм низ ҳамин гуна савол медиҳад. Ниҳоят касе аз гурӯҳ ҷавоб медиҳад: «гули садбарг».

Шахси ҷавобдода аз ҷояш мехезад ва рӯймолакеро гирифта, тоб дода дурра месозад ва гирди сар чарх занонида аз болои сараш ба қафо ҳаво медиҳад. Сипас чанд қадам ба пеш омада, ба замин нишаста, рӯяшро бо дастонаш мепӯшонад. Яке аз бозигарони гурӯҳи дигар дурраро аз замин бардошта, ба сардораш медиҳад ва омада чашмони бачаи нишастаро бо дастонаш аз қафо мебандад. Дурраро бо ин тарз мебаранд: «бодобод» – бардошта ва «хокохок» – ба замин кашонида. Сардори дастаи дуюм дурраро ба пушти яке аз бозигарон пинҳон карда, ишора мекунад, ки чашмони шахси ҷавобдодаро кушоянд. Ӯ ба назди сардорҳо омада муколама мекунад:

Сардорҳо: Куҷо будӣ?

Бозигар: Толиқон.

Сардорҳо: Чӣ овардӣ?

Бозигар: Тӯшаву талқон.

Сардорҳо: Барои кӣ?

Бозигар: Ба набераҳоям.

Сардорҳо: Набераат чӣ ном дорад?

Бозигар: Чақон, Пақон.

Сардорҳо: Чашмота кӣ қапид? Дурраро кӣ овард? Дурраро бодобод оварданд ё хокохок? Дурра дар пушти кист?

Агар бозигар ба ҳамаи ин саволҳо ҷавоби дуруст диҳад, ӯро бе ҷазо озод мекунанд. Агар як қисми саволҳоро посух диҳад, бо дурра ба миқдори саволҳои наёфтааш ӯро мезананд. Пас аз ин бозӣ аз нав шурӯъ мешавад.

Дар байни бачагони деҳоти Рашт бо номи «Ҷавлон-ҷавлон» бозие роиҷ аст, аммо он бозӣ бо баъзе унсурҳо аз бозии «Гул чӣ ранг?» тафовут дорад.

## ОМАД-РАФТ

Як навъ бозии бачагона мебошад, ки дар фаслҳои гармо дар майдончаҳо доир мегардад. Онро 15–20 нафар писарон ва духтарони 7–12-сола ба ду гурӯҳ тақсим шуда, бозӣ мекунанд. Дастаҳо дар майдон дар масофаи 10–12 м дар муқобили ҳам менишинанд. Ба ҳар як даста як нафар сардор интихоб мекунанд. Сардорҳо ба бозигарони худ номҳои шартӣ мегузоранд, масалан, саг, гург, асп, себ, ангур ва ғайра. Яке аз сардорҳо ба назди бозигарони дастаи ҳариф рафта, бо дастонаш чашми яке аз онҳоро мепӯшонад ва номи шартии яке аз бозигарони гурӯҳи худашро гирифта, даъват мекунад. Чунончи, «асп, биё» мегӯяд. Бозигари номаш «асп» омада, ба сар ё китфи бачаи чашмаш пӯшонидашуда оҳиста даст мерасонад ва рафта ба ҷойи худ менишинад. Сипас сардор чашми ӯро мекушояд ва он бачаи чашмонаш пӯшонидашуда рафта, бозигари «асп»-ро меҷӯяд. Агар

ӯро ёфт, ҳамроҳаш гирифта ба дастаи худ меорад ва ба ӯ номи нав мегузоранд. Агар пайдо карда натавонад, дар қатори бозигарони дастаи ҳариф менишинад ва ба ӯ аз нав ном медиҳанд. Ҳангоми чашми бозигарро кушодани сардор бачаҳои дигар баробар «Тапур-тапур, омад, рафт» гуфтан мегиранд. Як навбат аз дастаи якум ва як навбат аз дастаи дуюм чашмони бачаҳоро мепӯшонанд. Кадом дастае, ки бештар бозигарони ҳарифро ба дастаи худ меорад, ғолиб шуморида мешавад. Дар охир дастаи мағлуб дастаи ғолибро бо мева ё ширинӣ зиёфат мекунад.

## РАНГЁБАК

Як навъ бозии анъанавии бачагони тоҷик аст, ки маъмулан, дар фаслҳои гарми сол дар майдонча, кӯчаи васеъ ё боғчае ташкил мешавад. Дар он писарону духтарони 7–15-сола иштирок мекунанд. Ширкатдорони бозӣ ба ду даста тақсим шуда, дар масофаи 7–8 м рӯ ба рӯйи ҳам менишинанд. Онҳо аз байни худ якнафариро сардор интихоб мекунанд. Сардорҳо ба дастаи худ наздик рафта, бо овози паст ба ҳар як нафар номи рангҳоро мегузоранд. Масалан, як нафар «Сурх», дигаре «Сабз», «Гулобӣ», «Сафед» ва ғайра. Сипас сардорҳо барои оғоз кардани бозӣ қуръапартоӣ мекунанд. Яке сангчаро дар мушташ пинҳон карда, аз сардори дастаи дувум мепурсад, ки дар кадом мушташ сангча пинҳон аст. Агар ӯ ёбад, навбати бозӣ аз гурӯҳи онҳо шурӯъ мешавад, агар сангчаро наёбад, дастаи ҳариф бозиро оғоз мекунад.

Сардори навбатро гирифта чашмони

яке аз бозигарони гурӯҳи ҳарифро бо дастонаш мепӯшонад ва аз гурӯҳи худ номи рангеро гирифта, якеро даъват мекунад. Чунончи, «Сафед» биё! «Сафед» омада, ба пешонии бозигари чашмбаста даст мерасонад ва баргашта ба ҷояш менишинад. Бозигарони ҳамгурӯҳи ӯ баробар садо мебароранд:

Тапар-тупур қазоқӣ,
Ту омадӣ, наёфтӣ.

Сардор дастонашро аз чашми бозигар мегирад ва ӯ аз ҷояш хеста, рафта шахси ба пешониаш дастзадаро ҷустуҷӯ мекунад. Агар «Сафед»-ро ёбад, ҳамроҳаш гирифта ба дастаи худ меорад. Агар ӯро пайдо накард, худаш дар ҳамон гурӯҳ таслим шуда, дар қатори онҳо менишинад. Сардор ба ӯ боз як номи рангро медиҳад. Ғолиб ҳамон дастае шуморида мешавад, ки бештари рангҳоро шинохта, аз дастаи рақиб бозигаронро бисёртар гирифта бошад.

## РАНГОБАРАНГ

Бозии анъанавии бачагони тоҷик аст, ки дар фаслҳои гармо баргузор мешавад. Дар он аз 4 то 10 нафар духтари 8–15-сола иштирок мекунанд. Духтарон дар майдонча, кӯчаи васеъ ё боғчае ҷамъ шуда, якеро барои тоб додани арғамчин интихоб менамоянд. Он бозигар арғамчини тақрибан 3–4-метриро аз як нӯгаш дошта, дар мобайни майдон меистад ва арғамчинро гирди сараш тоб додан медиҳад. Духтарони дигар дар гирди ӯ ҷой гирифта, аз болои арғамчин бо навбат меҷаҳиданд ва мегӯянд:

Рангобаранго,
Куртаи ҳафтранго,
Сурх, сафед, ҷигарӣ, кабуд...

Ҳамин тариқ, онҳо якчанд рангро номбар мекунанд ва дар охир кадом ранге, ки садо дод, духтарон бояд ҳамон рангро аз курта, рӯймол ё поҷомаи худ ёфта, бо даст доранд. Кадом бозигаре, ки ранги эълоншударо аз либосҳои худ наёфт,

мағлуб ҳисоб ёфта, дар навбати дигари бозӣ арғамчинро гирди сараш тоб медиҳад. Агар ҳама он ранги матлубро пайдо кунанд, ҳамон шахси аввалӣ такроран арғамчинро тоб медиҳад. Дар ҳолате ки ду ё се нафар ранги даркориро пайдо накунанд, байнашон барои гирифтани навбати арғамчинтобӣ қуръапартоӣ сурат мегирад.

## РУСТШАВАКОН

Рустшавонак, туктукбозӣ, баҷошавак, як навъ бозии анъанавии бачагон аст, ки дар байни писарону духтарони аксари минтақаҳои Тоҷикистон ва берун аз он паҳн шудааст. Рустшавакон дар фаслҳои гарми сол доир мешавад. Барои интихоби як нафар, ки чашмашро мебандад, ширкатдорони бозиро то шумораи муайян, масалан, то рақами 20 ё 30 ҳисоб мекунанд. Дар Тоҷикистон бо шаклҳои мухталиф барпо мегардад. Рустшавакон дар ҷанубу шимоли Тоҷикистон бештар чунин шакл мегирад. Аз байни бачагон ду нафар ҷудо шуда, дуртар рафта ба ҳамдигар ном мегузоранд (масалан, ту «замин», ман «офтоб» ва ғайра). Баъд ба назди марра (каппа, хонача, давра) меоянд. Бачагони назди марра номҳоро мегӯянд. Ҳамин ки «замин» номбар шуд, «замин» дар марра мемонаду «офтоб» бо каси дигар рафта, ҳар ду ба худ ном гузошта меоянд. Шахси охирине,

ки номро намёбад, дар марра чун навбатдор (каппадор) мемонаду дигарон руст мешаванд. Шарти бозиро низ қабул мекунанд, яъне руст шудан дар масофаи 40–50 м ё 50–60 м. Агар каси рустшаванда аз навбатдор пештар омада, ба марра се бор даст занад, вай аз навбатдорӣ халос аст. Агар навбатдор пештар давида омада, ба марра се бор даст зада, «Абдуллоро дидам, дар паси дарахт аст» гӯяд, Абдулло навбатдорӣ мекунад. Гоҳе бачагон гирд омада рақамҳоро мешумора нд ва аз рӯйи рақами охирин навбатдор муқаррар мешавад.

## СУРСУРАКОН

Пешкунакон, яке аз бозиҳои анъанавии маъмулу машҳури бачагони тоҷик аст. Сурсуракон бештар дар фаслҳои гарми сол дар майдончаву боғча, баъзан дар кӯча барпо мегардад. Онро якчанд нафар писарону духтарони аз 6 то 15-сола ташкил мекунанд. Иштироккунандагон гирди ҳам ҷамъ омада, як нафарро тавассути шуморак барои сур кардани дигарон интихоб мекунанд. Яке аз бачаҳои калонсолтар шумораки зеринро мехонад:

Хирсак бозор рафт,
Ароба шикаст.
Чанд мех даркор аст?
Ҳафт мех даркор аст.
Як, ду, се, чор,
Панҷ, шаш, ҳафт, рафт!

Бозигаре, ки баъди шумори ҳафт омад, «рафт» гуфт, ӯро аз ҳисоб берун мекунанд ва боз шуморакро аз нав мехонанд. Ҳамин тавр ҳар каси баъди шу-

мораи «ҳафт» фармони «рафт» гирифта, аз давра ба як тараф мунтазир шуда меистад. Ҳар бозигаре, ки дар охир танҳо монд, вазифадор аст, дигаронро сур кунад. Агар дар вақти сур кардан якеро ба даст гирад, навбати суркунӣ ба он бозигар мегузарад.

Бозии сурсуракон вобаста ба маҳаллу минтақаҳо навъҳо ва унсурҳои гуногун дорад.

## ЧАШМБАНДАК

Чашмпӯшакон, яке аз бозиҳои анъанавии маъмулу машҳури бачагонаи тоҷик аст. Чашмбандак бештар дар фаслҳои гарми сол дар ҳавливу боғча, баъзан дар хонаҳо барпо мегардад. Дар бозӣ 6–10 нафар писарону духтарони аз 7 то 15-сола ширкат мекунанд. Иштирокунандагон гирди ҳам истода, нахуст бо ҳисоби шуморак якеро барои чашмбандӣ интихоб менамоянд. Масалан, то шумораи 21 ё 30 ҳисоб мекунанд. Чашмони шахси интихобшударо бо рӯймол ё порае матоъ мебанданд, ки ӯ бачаҳоро дида натавонад. Сипас бозӣ оғоз мегардад, бачаи чашмбаста ба дастгир кардани дигарон сар мекунад. Бозигарон дар атрофи ӯ чарх зада, ҳар навъ шӯхиҳо мекунанд, овоз баровarда, аз наздик омадани худ ба ӯ хабар медиҳанд. Баъзеҳо ба пушт ё китфи бачаи чашмбаста даст расонида, боз худро қафо мекашанд ва ғайра. Ҳамин ки ӯ яке аз бозигаронро дастгир

кард, чашмонашро мекушоянд ва ин давр ба поён мерасад. Дар навбати дигар чашмони шахси дастгиршударо бо рӯймол мебанданд ва ӯ дастгиркуниро давом медиҳад. Ҳамин тавр бозӣ то хаста шудани ширкаткунандагон идома меёбад.

# МУНДАРИҶА

Ана боғ..............................................3
Арғунчакбозӣ.......................................4
Баландпарак.........................................6
Бандкашӣ..............................................7
Бедона парид.......................................8
Боғи боғбон..........................................9
Буҷулбозӣ............................................12
Гачабозӣ..............................................15
Гул чӣ ранг?.........................................17
Омад-рафт...........................................20
Рангёбак..............................................22
Рангобаранг........................................24
Рустшавакон........................................26
Сурсуракон..........................................28
Чашмбандак.........................................30

***Китоб ройгон дастрас карда мешавад***

((((((((((((((((((((((((

БОЗИҲОИ КӮДАКОНА

Ҳайати таҳрир: Баҳриддин Камолиддинов
Мирзо Солеҳ
Саидамир Аминов
Абдуҷаббор Алиев
Фаридуни Умарбек

Мушовирон: Аҳмадшоҳ Комилзода
Муҳиддин Зиёиён

Тарроҳ: Сулаймон Шарифӣ

Ба чоп ... имзо шуд.
Андозаи 60×84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 2.
Адади нашр ... нусха.
Дар чопхонаи ... чоп шудааст.